Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пешгирии Зӯроварии Хонаводагӣ

PDV

Prevention of Domestic Violence

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

# НИЗОМНОМА

## ДАР БОРАИ ҲУҶРАҲОИ ТАВОНБАХШИИ ТИББИЮ ИҶТИМОӢ БАРОИ ҶАБРДИДАГОНИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР НАЗДИ ТАВАЛЛУДХОНАҲО ВА БЕМОРХОНАҲОИ МАРКАЗИИ КЛИНИКӢ

**Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# НИЗОМНОМА

## ДАР БОРАИ ҲУҶРАҲОИ ТАВОНБАХШИИ ТИББИЮ ИҶТИМОӢ БАРОИ ҶАБРДИДАГОНИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР НАЗДИ ТАВАЛЛУДХОНАҲО ВА БЕМОРХОНАҲОИ МАРКАЗИИ КЛИНИКӢ

(Замима ба фармоиши ВТ ва ҲИА ҶТ
аз «20» октябри соли 2018, № 973)

**Душанбе – 2019**

Барои истифодаи хизматӣ

**Маҷмӯа бо кӯмаки Филиали GOPA мбХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи Лоиҳаи «Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» (PDV), ки аз ҷониби Ҳукумати Швейтсария маблағгузорӣ карда мешавад, ба чоп расидааст.**

***Барои паҳннамоии ройгон***

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 2217525

# ФАРМОИШ

Аз «20» 10 с 2018 № 973 ш. Душанбе

Дар бораи таъсиси хуҷраҳои табонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани банди 7-и "Нақшаи чорабиниҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали ГОПА мбХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон "Лоиҳаи пешгирии зӯроварии хонаводагӣ (PDV) барои солҳои 2017-2019" мутобиқи банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Дар назди шӯъбаҳои таваллудии беморхонаҳои марказии ноҳияҳои Панҷ, Шаҳритус, Фархор ва Муассисаи давлатии "Маҷмааи тандурустии Истиқлол"–и Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе хуҷраҳои табонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ташкил карда шавад. Мӯҳлат то охири моҳи ноябри соли 2018.
2. Низомномаи намунавии хуҷраҳои дастгирии занони ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила тасдиқ шавад (замима мегардад).
3. Сардорони раёсатҳои ташкили хизматрасониҳои тиббӣ ва технологияи муосир, ташкили хизматрасонии тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оила ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Шарипов Ш.З., Раҳматуллоев Ш.Р., Қурбонов К.Б.) ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Низомномаи намунавии мазкур, нашр ва дастрас намудани он ба ташкилоту муассисаҳои алоқаманди тандурустӣ дар якҷоягӣ бо филиали ГОПА мбХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон "Лоиҳаи пешгирии зӯроварии хонаводагӣ (PDV) барои солҳои 2017-2019" тадбирҳои мушаххас андешанд.

4. Ба сардорони Раёсатҳои тандурустии вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе (Маллазода С.Ҳ., Шарифзода С.Ҳ. ) супориш дода шавад, ки барои таъсис додани хуҷраҳои мазкур чораҳои заруриро андешанд. Мӯҳлат то охири моҳи ноябри соли 2018 .

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегузорам.

Вазир Н. Олимзода

МУДИРИЯТИ КОРҲО
УПРАВЛЕНИЕ ДЕЛАМИ
ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДУРУСТ

Замима ба
фармоиши вазири тандурустӣ ва
ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_20_» _октябри_ соли 2018, №_973

# НИЗОМНОМА
## ДАР БОРАИ ҲУҶРАҲОИ ТАВОНБАХШИИ ТИББИЮ ИҶТИМОӢ БАРОИ ҶАБРДИДАГОНИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР НАЗДИ ТАВАЛЛУДХОНАҲО ВА БЕМОРХОНАҲОИ МАРКАЗИИ КЛИНИКӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Ҳуҷраи тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (минбаъд Ҳуҷра) – ин зерсохтори муассисаҳои тандурустӣ буда, паноҳгоҳи муваққатӣ (то 10 рӯз ва зиёдтар, агар барои муолиҷа зарур бошад) ба занону духтарони аз ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ чӣ зӯроварӣ дар оила, таҷовуз ба номус ва дигар шаклҳои аз зӯроварӣ ранҷкашида (минбаъд мизоҷ), ки ба ин ҷо аз тарафи муассисаҳои тиббӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ фиристода шудаанд, пешниҳод менамояд.

2. Ҳангоми дар ҳуҷраҳо қарор доштанашон занон метавонанд оид ба масъалаҳои саломатӣ (аз ҷумла репродуктивӣ), ки бо ҳодисаҳои азсаргузарондашудаи зӯроварӣ асоснок шудаанд, ё натиҷаи он мебошанд, кӯмаки заминавии тиббӣ ва психологӣ гиранд. Дар ҳолате ки агар дар мизоҷ дигар эҳтиёҷотҳое маълум гардиданд, ки дар салоҳияти ин муассисаи тиббӣ нестанд, ё Ҳуҷраҳо машаварат ё кӯмаки нишондодашударо дода наметавонанд, корманди масъули Ҳуҷраҳо ба мизоҷон оид ба хизматрасониву мутахассисони дар шаҳр/ноҳияи мазкур мавҷудбуда иттилоот медиҳад ва бо ризоияти мизоҷ онҳоро ба назди мутахассисони мувофиқ мефиристанд.

3. Фаъолияти Ҳуҷраҳо бо татбиқи принсипҳои ихтиёрият, дастрасӣ, хайрхоҳӣ, боварӣ ва фош накардани маълумот дар бораи мизоҷ асоснок гардидааст.

4. Таҳти мафҳуми татбиқи принсипи **дастрасӣ** чунин ташкили сохтори муассисаро фаҳмидан лозим аст, ки мизоҷҳо имконияти паноҳгоҳи муваққатӣ (то 10 рӯз), инчунин гирифтани иттилоот ва хизматрасониҳои мавҷударо дошта бошанд. Дастрасӣ ҳамчунин соддагии мурочиат ба муассиса, ва дастрасии зуд ба хизматрасониҳо (новобаста аз ҷойи воқеии зиндагии мизоҷ) маҷмӯӣ будани кӯмаки расондашуда, мавқеи қулайи ҷойгиршавии муассисаи тиббӣ бо дастрасии қулайи нақлиёт, инчунин ҷойгиршавии худи Ҳуҷраҳоро дар маҷмӯи муассисаи тиббиро мефаҳмонад, ки ҷудо будани ҷойгиршавиро дар назар дорад ва иртиботи минималиро бо дигар доираи мизоҷҳои муассисаи тиббӣ таъмин менамояд.

5. Таҳти мафҳуми татбиқи принсипи **ихтиёрият** фароҳам овардани шароитҳое фаҳмида мешавад, ки табиби роҳхатдиҳанда/ корманди милиса/ намояндаи дигар сохтори давлатӣ ё ташкилоти ҷамъиятӣ ба осебдида оид ба гирифтани хизматрасонӣ дар Ҳуҷра иттилоот медиҳад ва фақат бо иҷозати вай ба ҳуҷраи мазкур фиристода шуда, мурочиати мустақилона, даркшаванда дар назар дошта мешавад. Ҳамзамон шахси фиристодашуда ариза бо хоҳиши кӯмак расонидан бо паноҳгоҳи муваққатӣ ва расонидани кӯмаки тиббӣ дар доираи Ҳуҷраҳои махсусгардондашуда бо ризо будан барои интиқоли маълумотҳои шахсии онҳо ба муассисаи тиббӣ барои кӯмакрасонии минбаъдаро имзо менамояд.

6. Барои таъмин намудани принсипи **бехатарӣ** ва барои солимгардонии самараноки ҷабрдидаи зӯроварӣ, ҷойгиршавии ҳуҷраҳо дастрасии маҳдудро аз тарафи аёдаткунандагон пешбинӣ менамояд. Ҳар гуна баромадан аз ҳуҷра ҳангоми дар он ҷо будани мизоҷ, ки дар забонхат нишон дода шудааст, дар дафтари бақайдгирӣ дарҷ карда мешавад. Ба ҳамин тариқ, кормандони муассисаи тиббӣ, ки дар он ҳуҷра мавҷуд аст, барои рафтору кирдорҳои содирнамудаи мизоҷ ва оқибати рафторҳои мазкур ҳангоми набудани бақайдгирифташудаи вай дар Ҳуҷра ҷавобгар нестанд.

7. Таҳти мафҳуми принсипи **хайрхоҳӣ** муносибати хайрхоҳонаи кормандони муассисаро ба мизоҷҳои ба ин ҷо фиристодашуда фаҳмидан лозим аст, ки бо фаҳмидани мушкилоти мизоҷҳо, маҳкум накардан, зоҳир намудани эҳтиром ва сабру таҳаммул, боварӣ ва вокуниши дақиқ нишон додан ба эҳтиёҷоти мизоҷҳо асоснок шудааст.

8. Таҳти мафҳуми татбиқи принсипи **махфият** ва фош накардан риоя намудани қоидаҳое дар назар дошта шудааст, ки кормандони ёрирасон ва муолиҷакунандаи муассисаи тиббие, ки Ҳуҷра дар назди он қарор дорад, иттилоот ва маълумотҳоро дар бораи шахсони муқими он ба бегонагон фош намесозад. Ҳамаи иттилоот дар бораи кӯмаки расонидашуда ба доираи мазкури бенифитсарҳо бояд беном карда шавад. Додани иттилооти дорои хусусияти шахсӣ/маълумотҳо оид ба мизоҷ ба дигар ташкилот/мақомотҳо фақат бо ризоияти хаттии мизоҷ имконпазир аст. Барои фош намудани маълумотҳои шахсӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷазо дода мешавад. Аз принсипи махфият/ фош накардан ҳолатҳое истисно карда мешаванд, ки ҳангоме ки мизоҷ ба кормандони тиббӣ дар бораи таҳдид намудан ба ҳаёташ хабар медиҳад, дар ин ҳолат корманди тиббӣ барои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар додани маълумотҳои мазкур вазифадор аст.

## II. ЗАМИНАИ ҚОНУНГУЗОРӢ

9. Фаъолияти кори Ҳуҷраи дастгирии занони аз зӯроварӣ ранҷкашида ба муқаррароти қонунгузории ҶТ оид ба расонидани кӯмаки тиббию иҷтимоӣ ба шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ва шахсони дар вазъияти вазнини ҳаёт қарордошта, аз ҷумла ҷабрдидагон аз зӯроварӣ дар оила - *Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Барномаи давлатӣ оиди пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023, Қарори Ҳукумати ҶТ аз 13.12.соли 2012 №724 «Тартиб ва ҳаҷми хизматрасонии иҷтимоӣ», Консепсияи рушди оила дар ҶТ*[1], *Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба барҳам задани поймолкунии ҳуқуқ нисбати занон ба маърузаи муттаҳидаи чоруму панҷуми даврии Тоҷикистон* аз 23 июли с 2014 .[2], Тавсияҳои Шурои ҳуқуқи инсон дар назди Ассамблеяи Генералии СММ *ба Маърӯзаи Гурӯҳи корӣ оид ба Тафсири Универсалии Даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон* (аз 14 июли соли 2016), қайдҳо оид ба Маърӯзаҳои даврии муттаҳидаи дуюму сеюми Тоҷикистон [3] *аз Кумитаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании назди Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ нисбати татбиқи Муоҳадаи байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ ва зарурияти аз тарафи давлатҳо таъмин намудани муҳофизат ва солимгардонии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва дигар намудҳои зӯроварӣ* , фармоишҳои ВТваҲИА ҶТ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҶТ, инчунин Низомномаи мазкур мувофиқ аст.

10. Барои танзими кори кормандони соҳаи тандурустӣ дар доираи кӯмак расонидан ба ҷабрдидагони зӯроварӣ. ВТ ва ҲИА ба таври иловагӣ метавонад Дастурамалҳои махсус таҳия намояд, ба мисли вокуниши кормандони тандурустӣ ба ҳодисаҳри зӯроварӣ дар оила, ки барои иҷро аз тарафи кормандони тиббии ба Ҳуҷра хизматрасонанда ҳатмӣ мебошанд.

---

[1] *Консепсияи рушди оила дар ҶТ* бо қарори ҳукумати ҶТ №801 аз 30 декабри соли 2015 тасдиқ гардидааст (банди 48),

[2] *Нақшаи миллии чорабиниҳо оиди иҷроиш, соли* 2017 аз ҷониби муовини аввали сарвазири ҶТ/раиси Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ . бо мақсади таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон

[3] https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/G15/063/26/PDF/G1506326.pdf?OpenElement , банди 25, саҳ. 9.

## III. ҲУҚУҚИ ҶАБРДИДАИ ЗӮРОВАРӢ БАРОИ МУҲОФИЗАТ/КӮМАК ВА ӮҲДАДОРИИ МАҚОМОТИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ БАРОИ ВОКУНИШИ ТАЪҶИЛӢ БА ҲОДИСАҲОИ ЗӮРОВАРӢ

11. Мақомоти салоҳиятдор ба мақсади эътироф ва риояи ҳуқуқҳои ҷабрдидагони ҳамаи намудҳои зӯроварӣ, аз ҷумла ҳуқуқ барои ҳаёт, ҳуқуқ барои дараҷаи баланди саломатии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ, ҳуқуқи дучор нашудан ба ҷазо ва муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ, ҳуқуқ барои озодию бехатарӣ, ҳуқуқ барои баробарӣ дар назди қонун, ҳуқуқ барои ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, ҳуқуқ барои поймол накардани ҳуқуқ, ҳуқуқ барои муроҷиати баробар, ҳуқуқ барои кӯмаки самараноки ҳуқуқӣ, фаъолият мебаранд.

12. Ҳуқуқи ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила дар қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, ба мисли салоҳияти мақомоти соҳаи тандурустӣ ва ҷанбаҳои алоҳидаи кӯмак расонидан дар марказҳо/шуъбаҳои солимгардонии тиббию иҷтимоӣ ҷабрдидагон дарҷ гардидааст[4]. Сифати хизматрасониҳои ба ҷабрдидагони зӯроварӣ пешниҳодшаванда мувофиқи стандартҳо ва тартиби аккредитатсияи муассисаҳои тиббӣ (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон) муайян карда мешавад. Субъектҳои барои функсияи пешгирӣ ва роҳ надодан ба зӯроварӣ дар оила, ки аз тарафи қонун пешбинӣ карда шудааст, барои фавран вокуниш, нишон додан ба ҳар гуна муроҷиат ва ба ҷабрдидагон пешниҳод намудани муҳофизату кӯмак ӯҳдадор мебошанд. Барои риоя накардани талаботи қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила кормандони муассисаҳои тиббӣ ва роҳбарони онҳо бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

13. Ба мақсади самаранок ташкил намудани чораҳои солимгардонии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар доираи муассисаҳои тандурустӣ роҳбарони муассисаҳои тандурустие, ки Ҳуҷраҳо доранд, пешакӣ барои дар буҷет даровардани маблағҳои заруриро ба нақша гирифта, кори корманди тиббиро ба танзим медароранд.

---

[4] Қонун «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», №954 аз19.03.соли 2013 тасдиқ гардидааст (моддаи 6, 13, 16, 17)

14. Барои таҳлили хизмати расонидашуда дар доираи Ҳуҷраҳои махсусгардондашуда барои дастгирии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар назди муассисаҳои тиббӣ, роҳбари муассиса ба ВТваҲИА ҳар 6 моҳ ҳисобот бо нишон додани маблағу захираҳои сарфшуда пешниҳод менамояд.

15. Дар доираи ҳар як муассисаи тиббие, ки Ҳуҷраҳои махсусгардондашуда фаъолият менамоянд, роҳбар шахси масъули мушаххасро (барои фаъолияти Ҳуҷраҳо) таъин менамояд. Ба Ҳуҷра одатан, мудири шӯъба роҳбарӣ менамояд, ки аз тарафи роҳбари муассиса ба вазифа таъин ва озод карда мешавад. Таъин намудани корманд (ё 2 корманд) дар ҳолати ҷойивазкунӣ дар Шӯъбаи кадрҳои муассиса бо роҳи бастани шартнома бо муассиса амалӣ карда мешавад. Фаъолияти корманди таъиншудаи Ҳуҷра дар асоси дастурамалҳои вазифавие амалӣ карда мешавад, ки аз тарафи роҳбарӣ болоӣ таҳия ва тасдиқ карда шудаанд. Реҷаи кории корманди таъиншуда бо реҷаи асосии кори корманди мазкур (ё кормандон) дар шӯъба мувофиқ аст.

## IV. ҶАНБАҲОИ АМАЛИИ КӮМАКРАСОНӢ ДАР ҲУҶРАҲО

16. Кӯмак расонидан ба ҷабрдидагони ҳамаи намудҳои зӯроварӣ зарурияти таъмин намудани хизматрасониҳои зеринро дар назар дорад:

-  Пешниҳод намудани хизмат ба мизоҷони гурӯҳҳои мақсаднок ройгон ва дар асоси номгӯи хизматрасониҳои базавии тиббӣ/ маводҳои доруворӣ пешниҳодшаванда барои ин категорияи шахсон (ё дар ҳолати имконнопазирии расонидани баъзе хизматрасониҳо – пешниҳоди пулакии онҳо, ки дар ин муассиса тасдиқ шудаанд), аз ҷумла пешниҳоди маводҳои оромбахш/дардпасткунанда, агар инҳо аз ҷониби табиб таъин карда шуда бошад;
-  Ба занони ниёзманд, агар зарур бошад, хилъати хонагӣ, шиппак, ашёи беҳдошти шахсӣ, ғизо аз рӯйи меёрҳои барои як ниёзманд дар як рӯз қабулшуда диҳанд, инчунин кӯмаки заминавии тиббӣ расонанд;
-  Имконияти қабул намудан ва ҷойгир намудани ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оиларо (дар Ҳуҷраҳо) шабонарӯзона

ва имконияти бегоҳиҳо, ҳангоми зарурият дар рӯзҳои истироҳат ва ид ташкил намудани машваратдиҳиро пешбинӣ намоянд;

-  Иттилоотдиҳии ҳатмии мизоҷони Ҳуҷра оид ба дар шаҳр/ноҳияи мазкур мавҷуд будани ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи муҳофизат/кӯмакрасонии ҷабрдидагони зӯроварӣ фаъолият менамоянд. Кормандони муассисаи тиббӣ ба мизоҷони Ҳуҷраҳо варақаҳои иттилоотӣ бо нишон додани маълумотҳои тамосгирии ин ташкилотҳоро пешниҳод мекунанд, ки мунтазам аз тарафи шахсони масъул нав карда мешаванд;
-  Ҳангоми ризоияти мизоҷони Ҳуҷраҳо шахси масъул фавран бозравонии мизоҷонро ба хадамоти соҳавии доираи муҳофизати иҷтимоии аҳолӣ ё марказҳои тиббию иҷтимоӣ, бухронӣ тавассути мактуб/барқияи телефонӣ таъмин менамояд .

17. Корманди салоҳиятноки тиббӣ ба аниқ ташкил намудани кори бақайдгирӣ, воридшавӣ ва рафтани мизоҷон, бақайдгирии муваққатан дар Ҳуҷра, набудан, инчунин таҳияи варақаҳои бақайдгирии ҳодисаҳои зӯроварӣ, ки дар онҳо аз тарафи муассисаи тиббӣ кӯмак расонида шудааст, диққат медиҳад. Бақайдгирии мазкур аз тарафи ҳамшираи калони тиббие амалӣ карда мешавад, ки дар назди он Ҳуҷра кушода шудааст.

18. Ба таври иловагӣ, масъули фаъолияти Ҳуҷра ҳамчунин ҷамъоварии маълумотҳоро дар бораи ҳамаи ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила аз тарафи кормандони тиббии муассисаи мазкур арзшударо (шӯъбаи реаниматсия, гинекология ва ғайраро) таъмин менамояд ва маълумотҳои миқдорию сифатиро дар бораи чунин ҳодисаҳо дар ҳисоботи фаъолият дохил намуда, пешакӣ чунин маълумотҳоро беном мегардонад.

19. Дар кори худ кормандони муассисаи тиббӣ нақшаҳои муаррифишуда ва тавсияшудаи хизматрасонии мизоҷон, муоина, муолиҷа ва солимгардониро ҷонибдорӣ менамоянд.

20. Дар ҳолатҳои бо ҳуҷҷат тасдиқшудаи зӯроварӣ ва кӯмаки тиббии расонидашуда, кормандон шакл/варақаҳо ва регистрҳои тасдиқнамудаи ВТваҲИА (ниг. Замимаи 1 ва 2), протоколҳо, дастурҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастурҳои таълимию методиро истифода мебаранд (масалан, дастури клиникӣ оид ба муроқибати мизоҷони гирифтори САҶИ, дастурамал оид ба

вокуниши кормандони тиббӣ нисбати ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила/дигар намудҳои зӯроварӣ, дастурамал оид ба контрасепсияи фаврӣ, нишондод ва қоидаҳои гирифтани хун аз мизоҷон ва ғайра).

21. Кормандон сари вақт ба мизоҷони Ҳуҷраҳо иттилооти заруриро дар бораи реҷаи кории кормандон, инчунин тартиб, хусусият ва нархи хизматрасониҳо пешниҳод менамоянд.

22. Ҳангоми бозравонии мизоҷон ҳатман варақаҳои бақайдгирии зӯроварӣ ва сутуни чорабиниҳои минбаъда нисбати занону духтарон пур мекунанд, инчунин шаклҳои тасдиқшудаи баҳисобгирии ҳодисаҳои зӯровариро бо имзои мизоҷ ба нишонаи ризоият бо иттилооти мазкур/қарор дар бораи кӯмакрасониро таъмин менамояд.

23. Бо кӯмаки мутахассисони Ҳуҷраҳо метавонанд Дастурамалҳои махсус оид ба вокуниши кормандони тиббӣ ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила, дастур/китоби дарсӣ оид ба вокуниши кормандони тиббӣ ба ҳодисаҳои зӯроварӣ, шаклҳои махсусгардондашудаи зӯроварӣ нисбати занон/духтарон ва ғайра таҳия карда мешаванд.

24. Ҳангоми аз Ҳуҷра хориҷ шудан шахси масъули хона гирандаи хизматрасониҳо ба сарпарастии хадамоти иҷтимоии ҷойи истиқомат мефиристонад, ки минбаъд (дар ҳамкорӣ бо дигар сохторҳо, ҳамчун шахси дар вазъияти душвори зиндагӣ қарордошта) реинтегратсияи вайро таъмин менамояд. Дар расонидани муҳофизати иҷтимоӣ аз ЗО кормандони давлатии иҷтимоӣ мувофиқи Дастурамали тасдиқшуда барои кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила амал менамоянд.

Чунин ёрӣ ба кормандони иҷтимоӣ дар давоми сол аз лаҳзаи бақайдгирии гирандаи хизматрасониҳо дар Ҳуҷра ва баъди бозравонии вай расонида мешавад, ки ҳангоми он барои реинтегратсияи ҷабрдида дар оила ва/ё ҷамъият ва дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳаҳои гуногун кӯмак бо роҳҳои зерин расонида мешавад:

**а)** гузаронидани кор бо оилаи қабулкунандаи хизматрасонии иҷтимоӣ;
**б)** фиристодан ба хадамоти ориентатсияи касбӣ;
**в)** кӯмакрасонӣ барои бо кор таъмин намудан;
**г)** мониторинг ва баҳодиҳии вазъияти (ре)интегратсия дар оила ва/ё ҷамъият;
**д)** таъмин намудани дастрасии кӯдакон ба хадамоти таълимии ҷамъиятӣ (мактаб, боғчаи бачагон ва ғайра).

## V. ЭТИКА ВА БЕХАТАРӢ

25. Роҳбарият ва кормандони муассиса принсипҳои этикаи тиббиро қатъиян риоя мекунанд ва ғайрирасмию махфӣ будани мизоҷонро (дар ҳолатҳои алоҳида беном будани онҳо) кафолат медиҳанд. Ҳуҷҷатҳои мизоҷони Ҳуҷраҳо тавре нигоҳ дошта мешаванд, ки дастрасӣ ба он фақат барои корманди салоҳиятноки тиббӣ таъмин карда шавад.

26. Ба Ҳуҷра даромадани шахсони бегона манъ аст. Дар ҳолате ки агар таҳдид ба мизоҷон ё корманд аз сабаби кори мизоҷ мавҷуд бошад, корманд бо тартиби муқаррааргардида бо нуқтаи надиктарини милитсаи ба минтақаи мазкур вобасташуда, ё афсари навбатдори милитса барои таъмин намудани ҳам мизоҷони Ҳуҷра, ҳам кормандони вобасташудаи тиббӣ дар тамос мешавад.

27. Ба мизоҷ истифода бурдани телефони Шӯъба дар ҳузури шахси барои фаъолияти Ҳуҷра масъул, иҷозат дода мешавад.

28. Ҳангоми ҷавоб додани мизоҷони Ҳуҷра корманди тиббӣ барои суҳбат гузаронидан, барои ошкор намудан ва баҳодиҳии хатар ва таҳдид барои ҳаёти ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила вазифадор аст. Дар ҳолате, ки агар таҳдид барои ҳаёт ошкор карда шавад, ё дар ҳолате, ки зӯровар (агрессор) барои ҳаёти ҷабрдида таҳдид мекунад, корманди тиббӣ барои хабар додан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадор аст, ки мувофиқан бояд чораҳои таъмин намудани бехатарии ҷабрдида, аз ҷумла навиштани Амрномаи муҳофизатӣ вазифадор аст. Дар ҳолати ворид шудани таҳдиди ҷазо додани корманди тиббӣ, дархости мазкур бояд ба минтақаи наздиктарини милитса пешниҳод карда шавад.

## VI. ОМОДА НАМУДАНИ КОРМАНД ВА МОНИТОРИНГ

29. Роҳбари муассисаи тиббӣ таълими доимӣ, такмили ихтисос ва табодули таҷрибаи кормандонро дар соҳаи ошкор намудан ва кӯмак расонидан ба ҷабрдидагони намудҳои гуногуни зӯровариро ташкил менамояд ва вохӯриҳои кориро бо вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои хориҷии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдошта, инчунин бо ташкилотҳои маҳаллии ҷамъиятӣ ва коршиносони оид ба муҳофизати ҳуқуқии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамоянд.

30. Роҳбари муассисаи тиббӣ баҳисобгирии кормандони масъул/таъиншудаи алоқаи бозпасро аз ҷониби гурӯҳи мақсаднок/мизоҷон таъмин менамояд ва мониторинги натиҷаҳо/корҳои хизматрасонидашударо бо усулҳои дастрас лоақал як бор дар се моҳ мегузаронад. Назорати мониторинг ҳар семоҳа дар журнали махсуси мониторинги интервенсия менависад, ки озодона аз тарафи корманди масъули Ҳуҷра таҳия карда мешаванд. Журнали мазкур дар ҷойи барои шахсони бегона дастнорас бояд нигоҳ дошта шавад ва бояд барои таҳияи ҳисоботдиҳӣ ва оморӣ ВТваҲИА ҶТ оид ба масъалаҳои зӯроварӣ, инчунин барои назорати рушди кори гузарондашаванда ва барои коркарди тавсияҳо оид ба беҳтар намудани он хизмат намояд.

## VII. ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ ҲУҶРАҲО, ҲАМКОРӢ.

31. Дар муассисаҳое, ки Ҳуҷраҳо кушода шудаанд, бояд миқдори кофии иттилоотии чопӣ, инструктивӣ ва методӣ оид ба масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ нисбати занон, тарғиби тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла муҳофизати солимии репродуктвӣ, пешгирии ҳомиладории номатлуб, САҶИ, сирояти ВНМО бошад, ки метавонанд якҷоя (бо забони дастрас) аз тарафи намояндагии махсус ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ таҳия карда шаванд.

32. Кормандони Ҳуҷраҳо метавонанд бо салоҳияти худ ба ташкилотҳои дар банди 28 дарҷшуда оид ба масъалаҳои коркарди дастурҳои гуногуни мавзӯӣ, иттилоотӣ ва маълумотӣ, буклетҳо,

маводҳои видеоӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ *мурочиат намоянд* (ниг. ҳамчунин банди 23). Роҳбарияти муассисаи тиббӣ ҳамкории Ҳуҷра/муассисаҳои тиббии дахлдоро байни ҳамдигар (аз тамоми мамлакатҳо) ҳавасманд менамояд ва барои мубодилаи амалия ва таҷрибаҳои беҳтарин дар самти мазкур мусоидат менамояд.

33. Кормандони Ҳуҷраҳо бо марказҳои психологию методӣ, тиббию иҷтимоии шаҳр/ноҳия ва мақомоти ҳифзи иҷтимоии ноҳия, инчунин (агар зарур бошад) бо омӯзгорони иҷтимоӣ ва психологҳои муассисаҳои таълимии ноҳия *ҳамкорӣ менамоянд*.

34. *Ҳуҷраҳо* бо марказҳои солимии репродуктивӣ, шӯъбаҳои тиббию ҷавонии машваратдиҳӣ, зерсохторҳои Кумитаи кор бо занон ва оила, шӯъбаҳои ҳифзи тартиби иҷтимоӣ (милитса) ва бо ташкилотҳои маҳаллии ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои ҳамкории байнисоҳавӣ оид ба вокуниши якҷояи зӯроварии гендерӣ ҳамкориро ба роҳ мемонанд.

35. Бо қарори Роҳбарияти муассисаи барои фаъолияти Ҳуҷра масъул дар тайёр намудани маводҳои иттилоотию методӣ ҳам барои доираи васеи аҳолӣ, ҳам барои мутахассисон иштирок менамояд ва ба нашр/паҳн намудани онҳо дар байни кормандони муассисаи тиббӣ мусоидат менамояд.

## VIII. МАСЪАЛАҲОИ КАДРӢ

36. Роҳбари муассисаи тиббӣ барои кор дар Ҳуҷраҳо кормандони салоҳиятноки тиббиро интихоб менамояд, ки хусусияти кор бо зӯровариро мефаҳманд ё аз тренинги сертификатсионӣ ё таълими мувофиқ гузаштаанд .

37. Чи хеле ки дар банди 15 нишон дода шудааст, роҳбари муассисаи тиббӣ расман корманди масъули муассисаро барои танзими доимии кори Ҳуҷра таъин менамояд. Агар чунин корманд дар асоси навбатдорӣ кор кунад, бояд ҷойивазкунӣ ва ҷадвали мувофиқи навбатдорӣ, инчунин тартиби супоридан-додани парвандаҳо дар давраи навбатдорӣ пешбинӣ карда шавад.

38. Корманди таъиншуда барои муроқибати Ҳуҷра музди иловагӣ намегирад, вале аз қисми сарбории кории шӯъба то 20%

озод карда мешавад, агар дар ин давра дар Ҳуҷра мизоҷ бошад. Бо салоҳияти Роҳбарияти муассиса, дар ҳолати доимо ба мизоҷони аз зӯроварӣ ҷабрдида додани Ҳуҷраҳо (80% вақт дар як моҳ), ба корманди таъиншуда метавонад рухсатии иловагӣ аз ҳисоби 1 рӯз барои моҳи коркардашуда дода мешавад.

39. Корманди масъули барои Ҳуҷра таъиншуда бояд ба талаботҳои зерин мувофиқ бошад:

- зарурият ва аҳамияти кори пешгирии зӯровариро оид ба вокуниш ба ҳодисаҳои зӯровариро фаҳмад ;
- ба ҳамаи мизоҷони Ҳуҷра бо диққату эҳтироми баробар новобаста аз вазъи онҳо муносибат намояд ва онҳоро маҳкум накунад;
- заминаи меъёрию ҳуқуқ ва ҷанбаҳои ҳуқуқии кӯмакрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯровариро донад.

## IX. ҚАТЪ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУҶРАҲО

40. Фаъолияти Ҳуҷраҳо метавонад бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон *қатъ карда шавад*. Ҳангоми қатъ намудани фаъолият амволи Ҳуҷра ба ихтиёри муассисаи тиббие мегузарад, ки дар назди он Ҳуҷра фаъолият намудааст.

**Замимаи 1. Регистри мизоҷони Ҳуҷраи тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила**

| № | Сана ва вақти муроҷиат | Ному насаби мизоҷ | Ҷойи истиқомат | Намуди зӯроварӣ [Зӯроварӣ дар оила (ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, психологӣ); зӯроварии шаҳвонӣ (берун аз оила); фуруши одамон ба мақсади истифодаи шаҳвонӣ; фуруши одамон ба мақсади истифодаи меҳнатӣ; гирифтани узв/бофтаҳо барои кучаткунӣ; дигар намудҳои зӯроварӣ] | Ному насаби корманди тиббие, ки дар регистр сабт намудааст |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |

**Замимаи 2. Шакли бақайдгирии ҳодисаи зӯроварӣ дар доираи Ҳуҷраи тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила**

| **Шакли бақайдгирии ҳодисаи зӯроварӣ** |
|---|

**(МАХФӢ – ФАҚАТ БАРОИ ИСТИФОДАИ ХИЗМАТӢ. ДАР ҶЕВОНИ ОҲАНИН/ҚУЛФ КАРДА НИГОҲ ДОШТА ЕШАВАД)**

| | |
|---|---|
| **№ бақайдгирии аввалия дар Ҳуҷраи дастгирии иҷтимоию тиббӣзанони аз зӯроварӣ ҷабрдида : __________**<br>**Сана ва вақти бақайдгирӣ:**<br>_____________<br>мурочиат: □ аввалия;<br>□ дуюмбора; ; □ бисёркарата;<br>□ дигар (нишон дода шавад – масалан, аз шуъбаи реаниматсия фиристода шудааст ва ғайра )<br>Номи корманди тиббие, ки шаклро пур кардааст:<br>дигар шахсони ҳангоми машавааратдиҳӣ ҳузурдошта (ва ба патсиент кӣ мешавад ица,): | **Намуди зӯроварии дучоршуда:**<br>Зӯроварӣ дар оила: □ зӯроварии ҷисмонӣ дар оила;<br>□ зӯроварии шаҳвонӣ дар оила;<br>□ зӯроварии психологӣ дар оила;<br>□ зӯроварии иқтисодӣ дар оила;<br>□ шаклҳои омехтаи зӯроварӣ дар оила .<br>**Зӯроварии берун аз оила: □ зӯроварии шаҳвонӣ; □ фуруши одамон ба мақсади истифодабарии шаҳвонӣ; □ фуруши одамон ба мақсади истифодабарии меҳнатӣ; □ фуруши одамон ба мақсади гирифтани узв/бофтаҳо; □ дигар (нишон дода шавад):__________** |

## I. ИТТИЛООТИ УМУМӢ

| | |
|---|---|
| Ному насаби ахси ҷабрдида: | Санаи таваллуд (рӯз/моҳ/сол): |
| Вазъияти оилавӣ: | Шумораи кӯдакон: ___ (аз ҷумла дар лаҳзаи мурочиат бо патсиент ҳастан – ном, синну соли кӯдак :_____________________________) |
| Ҷойи истиқомат: | Бо кор таъмин карда шудааст: □ ҳа; не;<br>□ номаълум |
| Дар ҳолате ки агар патсиент ноболиғ бошад: Ному насаби волидон (ё васии) ҳангоми муоина ҳузурдошта ва № мактаб/муассисаи тарбиявӣ: | |

# II. ҲУҶАТГУЗОРӢ МУТОБИҚИ НАМУДИ
# III. ЗӮРОВАРИИ РАСОНИДАШУДА

1. ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА (Бандеро қайд намоед, ки зуҳуроти зӯроварӣ дорад):

| **Зӯроварии ҷисмонӣ дар оила (муоина):** | **Зӯроварии психологӣ дар оила (аз суханони ҷабрдида):** | **Зӯроварии шаҳвонӣ** |
|---|---|---|
|  доғҳои кабуд (ҷойи онҳо нишон дода шавад);<br> гематомаҳо(ҷойи онҳо нишон дода шавад);<br> шикастагиҳо (ҷойи онҳо нишон дода шавад);<br> осеби сар (падида аниқ карда шавад/нишон дода шавад, масалан, контузия/ҷунбидани мағзи сар /қайкунӣ, чарх задани сар ва ғайра /.);<br> мӯйҳо канда шудаанд (қисми сар нишон дода шавад;<br> газидагиҳо (ҷойи онҳо нишон дода шавад<br> сухтагиҳо (ҷойи онҳо нишон дода шавад);<br> захмдоркунӣ бо кор ё дар пӯст бо дигар ашёҳои буранда;<br> захмдоркунӣ бо яроқи оташфишон;<br> барқасд заҳролуд кардани хӯроки аъзоёни оила;<br> зоиши пеш аз муҳлат/бачапартоӣ аз | *Аломатҳои имконпазир:*<br> депрессия (мардумгурезӣ,;<br> ихтилолҳои когнитивӣ (хотира, барои равона кардани диққат қобилият надоштан);<br>тарси кушта шудан (дар натиҷаи таҳдид аз ҷониби шахси зӯровар);<br> маҷбур кардан (майл намудани) ҳамсар ба худкушӣ; фикрҳои худкушӣ (хат кашед);<br> тағйирёбии муносибат бо атрофиён (майли муошират надоштан; мардумгурезӣ, гум кардани шавқу ҳавас ба зиндагӣ/оянда);<br> зоҳир намудани стресси осебӣ (вайроншавии хоб, иштиҳо, ҳазми хӯрок, паст шудани худбаҳодиҳӣ, боварӣ надоштан ба худ, тарс, асабоният, агрессивияти баланд);<br> ҳомиладории номатлуб аз сабаби манъ кардани ҳамсар | (амалҳои зӯроварӣ аз тарафи ҳамсар; падар нисбати духтар; таго нисбати ҷиян; дигар амалҳои зӯроварӣ дар байни аъзоёнии оилаи дар як ҳавӣ зиндагикунанда. Сабт бо суханони ҷабрдида баъди сухбати бонзокат нисбати далелҳо карда мешавад :<br> воридшавӣ ба мақъад (Вайрон намудани сурохии мақъад?: ? Ҳа;  Не;<br> Номаълум);<br> муносибати шаҳвонии даҳонгузар;<br> дихилкунии дохилимаҳбалӣ (аз ҷумла бо истифодаи ашёҳо ()).<br>(Вайрон намудани бутунияти маҳбал, гарданаки бачадон:<br> Ҳа;  Не;<br> Номаълум; Агар номаълум бошад оё хунравиҳои (ғайриҳайзӣ) баъди (зӯроварихои шаҳвонӣ ҷой доштанд?<br> Ҳа;  Не); |

| | | |
|---|---|---|
| сабаби зарба;<br>□ дигар (нишон дода шавад):<br><br>*Ҳангоми мавҷуд будани ин ё дигар осебҳо корманди тиббӣ ба патсиентка гузаштани шаҳодати тиббиро тавсия менамояд (ҳатто агар вай ҳанӯз дар бораи шаҳодат дар суд қарор накарда бошад ).*<br><br>*Ҳангоми мавҷуд будани осебҳо аз корд/захми тир, ки ба ҳаёт таҳдид мекунанд/зарари ҷиддӣ мерасонанд корманди тиббӣ барои хабар расонидан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадор аст (ҳатто бе ризоияти ҷабрдидагон) .* | барои истифода бурдани воситаҳои контрасептивӣ ё маҷбур кардан барои исқоти ҳамл ;<br>□ дигар (нишон дода шавад):<br><br>*Ҳангоми таҳдиди аз ҷониби зӯровар барои куштани патсиентка, маҷбур намудани вай барои худкушӣ корманди тиббӣ барои хабар додан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадор аст ((ҳатто бе ризоияти ҷабрдидагон)).*<br><br>*Ҳангоми дар осебдидагон мавҷуд будани кушишҳои худкушӣ корманди тиббӣ барои алоқа намудан бо психолог ё равонпизишк барои гузаронидани муолиҷаи асаб ё доругӣ инчунин андешидани чораҳои бехатарии пешгирӣ намудани худкушӣ дар хонаи истиқомати шахси ҷабрдида вазифадор аст ).* | □ дигар (нишон дода шавад):<br><br>Рӯзи аввали ҳайзи охирин:<br>________________<br><br>Оё тухмгузорӣ дар роҳҳои таносули зан вуҷуд дошт □<br>□ Ҳа; □ Не; □ Номаълум.<br>Агар <u>ҲА/ННОМАЪЛУМ,</u> оид ба контрасепсияи фаврӣ машварат додан лозим аст.<br>*Агар ИНТСЕСТ ҷой дошта бошад: роҳбари Комиссияи ҳуқуқҳои кӯдак дар ҷойи истиқомат хабардор карда мешавад ва кӯдак барои шаҳодати тиббӣ фиристода мешавад (бо ҳамроҳӣ намудани волидон ё васӣ).*<br><br>*Корманди тиббӣ ба патсиертка гузаштани шаҳодати тиббиро пешниҳод мекунад ((ҳатто агар вай ҳанӯз дар бораи шаҳодат дар суд қарор накарда бошад ).* |

## 1. ЗЎРОВАРИИ БЕРУН АЗ ОИЛА

*(Агар зани ҷабрдида ноболиғ бошад, ҳузур доштани волидон (модар) ё васӣ, ҳангоми шубҳа намудани иштироки волидон дар зўроварӣ – намояндаи Комиссияи муҳофизати ҳуқуқи кўдак (беҳтараш ба мисли ҷинси кўдак) дар назди ҳукумат (дар ҷойи муассисаи тиббӣ) ҳатмӣ аст)*

### А) Зўроварии шаҳвонӣ (таҷовуз ба номус):

*Сабти зўроварии содиршудаи шаҳвонӣ аз рўи суханони ҷабрдида бо ризоияташ дар доираи суҳбати боназокатона оид ба саломатӣ/нороҳатии маҳрамона дар қисмати гениталӣ ҳамчун натиҷаи зўроварӣ гузаронида мешавад.*

 воридшавии мақъадӣ → (Вайрон намудани бутунияти сўрохии мақъад?:  Ҳа;  Не;  Номаълум);

 муносибати даҳонии шаҳвонӣ;

 воридшавии дохилимаҳбалӣ (аз ҷумла бо истифодаи ашёҳо):

→ Вайрон намудани бутунии пардаи бакорат?  Ҳа;  Не;  Номаълум; Агар номаълум бошад, оё хунравиҳои (ғайриҳайзии) баъди ҳодисаи зўроварӣ ҷой доштанд:  Ҳа;  Не;  Номаълум);

→ Вайрон намудани бутунии маҳбал/гарданаки бачадон ?:  Ҳа;  Не;  Номаълум; Агар номаълум бошад, оё хунравиҳои (ғайриҳайзии) баъди ҳодисаи зўроварӣ ҷой доштанд:  Ҳа;  Не;  Номаълум);

 дигар (нишон дода шавад):

Рўзи аввали баъди ҳайз (рўз/моҳ/сол):

Mensis дар вақти ҳодиса:  Ҳа;  Не;  Номаълум

Оё тухмгузорӣ дар роҳҳои таносули зан/духтар буд?

 Ҳа;  Не;  Номаълум. → Агар Ҳа/Номаълум <u>ва зан воситаҳои пешгирии ҳамлро истифода намебарад/спирал надорад, дар бораи имконияти истифодаи контрасепсияи фаврӣ</u> машварат додан лозим аст.

мавҷудияти ҳомиладорӣ:  Ҳа;  Не;  Номаълум. Агар ҳомиладорӣ бошад – шумораи ҳафтаҳо чӣ қадар аст? – ҳафта

Санаи алоқаи охирини ҷинсӣ (бо ризоияти шарики маҳрам) дар муддати ҳафта то зӯроварӣ (рӯз/моҳ/сол):

Агар зӯроварии шаҳвонӣ на зиёда аз 24 соат пештар рӯй дода бошад ва ҷабрдида душ қабул накардааст/тампон/зермонак истифода набурддаст, вайро дар бораи имконияти гузаронидани шаҳодати тиббӣ огоҳ кардан лозим аст, ҳангоми ризоияти ҷабрдида бошад ба наздиктарин шуъбаи экспертизаи судию тиббӣ мефиристанд .

Оё шахси зӯровар рифола истифода бурдааст? □ Ҳа; □ Не; □ Номаълум. → Агар Ҳа/Номаълум, дар бораи тадқиқотҳои мавҷуд будани бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранд машварат додан лозим аст, ҳангоми бемориҳои тасдиқшуда бошад – кӯмак расонидан барои машварат бо гинеколог/венеролог оид ба муолиҷа.

*Агар ҷабрдида кӯдак бошад – ҳамчунин пурсед: Оё чунин ҳодиса пештар рӯй дода буд? Кай бори аввал? Чунин ҳодиса чӣ қадар давом карда истодааст? Кӣ инро содир намудааст? Оё шахси мазкур ба мисли пештара таҳдид мекунад? Ҳамчунин боназокатона оид ба хунравии вагиналӣ ё хунравии рӯдаи мустақим пурсед то: оё ҳангоми роҳгардӣ ё қазои ҳоҷат ё пешобкунӣ дард вуҷуд дорад, оё нишонаи обиятҳо ё ягон хел аломату падидаҳои дигар вуҷуд дорад ?*

*Сабтҳоро (аз рӯи суханони ҷабрдида) дар ин ҷо нависед (аз ҷумла даст кашидани шахси ҷабрдида аз суҳбат ):*

### Б) **Фуруши одамон ба мақсади истифодабарии шаҳвонӣ (ФОИШ)**

Аз сухбат бо шахси ҷабрдида ҳатман мавҷуд будани индикаторҳои зерини ФОИШ аниқ карда мешавад :

□ Шахс ба дигар мамлакат/вилоят ҷалб карда шуда, оварда шуда, ба истисморгарон дода;

□ Барои гирифтани фоида аз истифодабарии шахси мазкур ҷинояткорон таҳдид кардан ё зӯриро ба кор бурданд, дуздидан, фиреб, осебпазирии ҷабрдидаро барои гирифтани ризоияти сафар/кор истифода бурдаанд;

 Истифодабарии шаҳвонӣ – маҷбур намудан барои хизматрасонии шаҳвонӣ, банаворгирии маводи порнографӣ ва ғайра .

Агар истифодабарии шаҳвонӣ ба наздикӣ рӯй дода бошад бояд пурсиз аз рӯи нақшаи болоӣ («зӯроварии шаҳвонӣ») ҳуҷҷатнигорӣ карда шавад, мушкилоти нисбатан шадиди саломаиро ошкор намудан ва кӯмаки фаврии тиббӣ расонидан зарур аст ,.

Аз сабаби ихтилоли зоҳиршавандаи стрессӣ дар ҷабрдидаи фуруши одамон ҷалб намудани мутахассиси психолог тавсия дода мешавад. Барои курси нисбатан давомноки солимгардонӣ фиристодани ҷабрдида ба сарпаноҳгоҳҳои махсус тавсия дода мешавад.

Агар ҷабрдида мехоҳад дар суд бар зидди одамғундорон/дигар фурушандагони одамон баромад кунад, вайро ба Маркази муборизаи зидди фуруши одамони назди ВКД ҶТ фиристодан лозим аст .

## В) **Фуруши одамон ба мақсади истифодабарии истифодабарии меҳнатӣ (ФОИМ)**

Аз сухбат бо шахси ҷабрдида ҳатман мавҷуд будани индикаторҳои зерини ФОИМ аниқ карда мешавад :

 Шахс ба дигар мамлакат/вилоят ҷалб карда шуда, оварда шуда, ба истисморгарон дода шудааст;

 Барои гирифтани фоида аз истифодабарии шахси мазкур ҷинояткорон таҳдид кардан ё зӯриро ба кор бурданд, дуздидан, фиреб, осебпазирии ҷабрдидаро барои гирифтани ризоияти сафар/кор истифода бурдаанд? Истифодабарии меҳнатӣ – маҷбур кардан барои фаъолияти муайяни меҳнатӣ бе пардохт, бо вайрон намудани қонунгузории меҳнатӣ/ зарар барои саломатӣ мебошад .

Дар чунин ҳолатҳо корманди тиббӣ мушкилоти нисбатан шадиди саломатиро ошкор менамояд ва кӯмаки фаврии тиббӣ мерасонад. Аз сабаби ихтилоли зоҳиршавандаи стрессӣ дар ҷабрдидаи фуруши одамон ҷалб намудани мутахассиси психолог тавсия дода мешавад. Барои курси нисбатан давомноки солимгардонӣ фиристодани ҷабрдида ба сарпаноҳгоҳҳои махсус тавсия дода мешавад.

Агар ҷабрдида мехоҳад дар суд бар зидди одамғундорон/дигар фурушандагони одамон баромад кунад, вайро ба Маркази мубориза зидди фуруши одамони назди ВКД ҶТ фиристодан лозим аст .

Г) **Фуруши одамон ба мақсади гирифтани узв/бофтаҳо барои кучаткунӣ (ТЛИОТ)**

Аз сухбат бо шахси ҷабрдида ҳатман мавҷуд будани индикаторҳои зерини ФОИМ аниқ карда мешавад :

 Шахс ба дигар мамлакат/вилоят ҷалб карда шуда, оварда шуда, ба истисморгарон дода шудааст;

-  Барои гирифтани узв/бофтаҳои шахси мазкур ҷинояткорон фиреб, таҳдид, осебпазирии шахси ҷабрдидаро барои гирифтани ризоияти ба хориҷа рафтани вай/гирифтани узв, маҷбуран наркоз ворид намудан ва ғайра ро истифода бурданд
-  Гирифтани узву бофтаҳо аз тарафи шахсон/воситаҳои ғайримушаххас.

Дар чунин ҳолатҳо корманди тиббӣ зарурияти кӯмаки фаврии тиббиро ошкор ва онро ташкил менамояд. Аз сабаби ихтилоли зоҳиршавандаи стрессӣ дар ҷабрдидаи фуруши одамон ҷалб намудани мутахассиси психолог тавсия дода мешавад. Барои курси нисбатан давомноки солимгардонӣ фиристодани ҷабрдида ба сарпаноҳгоҳҳои махсус тавсия дода мешавад . Агар ҷабрдида мехоҳад дар суд бар зидди одамғундорон/дигар фурушандагони одамон баромад кунад, вайро ба Маркази мубориза зидди фуруши одамони назди ВКД ҶТ фиристодан лозим аст

## ШАҲОДАТИ ТИББӢ

***Нишондиҳандаҳои ҷисмонӣ.*** *Дар пиктограммаи замимашавандаи бадан ҷойгиршавии ҳамаи захмҳо, доғҳои кабуд, харошҳоро нишон диҳед.*

*Андоза, навъ, ранг, шакл ва дигар хусусиятҳои хос. Мушоҳидаҳоро ба таври муқаррарӣ нависед, вале онҳоро шарҳ надиҳед.*

<table>
<tr><td colspan="4">Намуди зоҳирӣ (либос, мӯй, ихтилоли маълуми ҷисмонӣ ё руҳӣ ):</td></tr>
<tr><td colspan="4">Ҳолати руҳӣ(оромӣ, гирёнчакӣ, асабоният, омодагӣ барои ҳамкорӣ, афсурдаҳолӣ, дигар):</td></tr>
<tr><td>Басомади набз:</td><td>Фишори хун:</td><td>Басомади нафаскашӣ:</td><td>Ҳарорати бадан:</td></tr>
<tr><td colspan="2">Сар ва рӯй:</td><td colspan="2">Чашму гӯш:</td></tr>
<tr><td colspan="2">Қафаси сина:</td><td colspan="2">Ковокии шикам (мавҷудияти доғи захм):</td></tr>
<tr><td colspan="2">даст:</td><td colspan="2">Пой:</td></tr>
<tr><td colspan="2">Даҳон ва бинӣ:</td><td colspan="2">Тахтапушт (мавҷудияти доғи захм):</td></tr>
<tr><td colspan="2">Гардан:</td><td colspan="2">(Аз тарафи гинеколог/практолог гузаронида мешавад, ва танҳо дар ҳолати зӯроварии шаҳвонӣ дар/берун аз оила ва фуруши одамон ба мақсади истифодабарии шаҳвонӣ, гузаронида мешавад /): Маҳбал ва пардаи бакорат:<br>Гарданаки бачадон:<br>Суринҳо:<br>Сурохии мақъад:<br>Муоинаи дудаста (ба воситаи рӯдаи мустақим ва маҳбал):</td></tr>
<tr><td colspan="4">Мушкилоти мушоҳидашавандаи саломатӣ:</td></tr>
<tr><td colspan="4">Падидаҳои аллергия:</td></tr>
<tr><td colspan="4">Муолиҷаи ҷорӣ:</td></tr>
</table>

## II. ТАДҚИҚОТҲОИ ТИББИИ ГУЗАРОНИДАШУДА

| таҳлилҳо омӯхта/ озмоишҳо ба лаборатория фиристода шудаанд: | Натиҷаҳо: |
|---|---|
| | |
| | |

## III. БОЗРАВОНИИ ШАХСИ ОСЕБДИДА БАРОИ КӮМАКИ МИНБАЪДА

| **муолиҷа ва бозравонӣ аз тарафи корманди тиббӣ:** | | | | **РИЗОИЯТИ ҷабрдида барои бозравонӣ:** | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **ҲА** | **НЕ** | **қайдҳо** | **ҲА** | **НЕ** |
| Мақомоти экспертизаи судию тиббӣ | ☐ | ☐ | *Мақомот ва санаи бозфирисоонӣ нишон дода шавад ва агар роҳхат дода шуда бошад* | ☐ | ☐ |
| Муолиҷа ва пешгирии САҶИ | ☐ | ☐ | | ☐ | ☐ |
| Диспансери пӯсту зуҳравӣ | ☐ | ☐ | | ☐ | ☐ |
| Маркази СПИД барои пешгирии баъдииртиботии ВНМО | ☐ | ☐ | | ☐ | ☐ |
| Контрасепсияи маҷбурӣ | ☐ | ☐ | *Кадом контрасепсия нишон дода шавад* | ☐ | ☐ |
| Коркарди захм | ☐ | ☐ | | ☐ | ☐ |
| Пешгирӣ бар зидди кузоз | ☐ | ☐ | | ☐ | ☐ |
| Даъват намудани | ☐ | ☐ | *Натиҷаи даъват/шахси* | ☐ | ☐ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| инспектори милитсия барои чорабиниҳои амалиётиву тафтишотӣ | | | *масъул нишон дода шавад* | | |
| Даъват намудани волидон (агар ин бо кӯдак рӯй дода бошад) | ☐ | ☐ | *Агар васиҳо/Комиссияи ҳуқуқи кӯдак ҷалб шуда бошад, нишон дода шавад* | ☐ | ☐ |
| Бозравонӣ ба мақомоти ҳифзи ичтимоии аҳолии назди ҳукумати маҳаллӣ | ☐ | ☐ | *Номи мақомоти ҳифзи ичтимоӣ* | ☐ | ☐ |
| Бозравонӣ ба сарпаноҳгоҳ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ | ☐ | ☐ | *Санаи бозфиристонӣ ва телефони сарпаноҳгоҳ нишон дода шавад* | ☐ | ☐ |
| Бозравонӣ ба ташкилоти ҷамъиятӣ/ Маркази буҳронӣ/бюрои кӯмаки ҳуқуқӣ | ☐ | ☐ | *Снаи бозфиристонӣ, номи ташкилот ва телефони роҳбар нишон дода шавад* | ☐ | ☐ |
| Барои машваратдиҳӣ дар доираи Телефони Боварӣ фиристода шуд Телефона Боварӣ | ☐ | ☐ | *рақам ва сана нишон дода шавад:* | ☐ | ☐ |
| Ба--------- фиристода шуд (нишон диҳед) | ☐ | ☐ | *Тел. Шахси иртиботӣ:* | ☐ | ☐ |

Ҳамаи ташкилотҳои иртиботдошта бо суроға/рақами телефони тамос дар шакли хаттӣ ба шахси ҷабрида дода шудаанд .

**Шакл аз тарафи корманди тиббӣ пур карда шудааст (Ном ва вазифа бо ҳарфҳои чопӣ нишон дода шавад):**

**Имзои корманди тиббӣ:________________**

________________________________________________________

**Ному насаб ва имзои патсиент:**

______________________________